АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №1, 2014

УДК: 8 тадж.+ 901. 500 + 1 тадж. МАҲКАМОВ С.Б.[1]

# НАҚШИ ЧЕҲРАҲОИ АСОСӢ ДАР ДОСТОНИ «САЛОМОН ВА АБСОЛ»-И АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ

Дар достони «Саломон ва Абсол»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ чеҳраҳои асосӣ – Саломон ва Абсол нақши муҳим мебозанд. Дар ин мақола таҳлили чеҳраҳои асосии достони номбурда бо њама бурду бохт ва ҷањони зоњирию ботиниашон мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

**Калидвожаҳо:** Достон, Саломон, Абсол, нақш, чеҳра, ишқ, ошиқ, қаҳрамон, шоҳ, ҳаким, доя, оташ.

Дар достони «Саломон ва Абсол»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ диққати асосӣ ба амалиёти қаҳрамонони марказӣ – Саломон ва Абсол равона гардидааст. Адиби тавоно барои инъикоси симои Саломон ва Абсол заҳмати зиёде кашида, суханҳои доир ба мавзӯи фарзанд дахлдоштаро дар ҳаққи онҳо сурудааст. Чунончи, Саломон фарзанди ягона ва талабидаи шоҳ буд. Вақте ки ба тифл ном меҷустанд, аз Осмон садои «Саломон» шунида шуд. Саломон ҳамчун ҷавони пурзӯру солим дар ҳусну малоҳат ҳамто надошт. Шоир дар боби «Қиём намудани Абсол ба доягии Саломон ва доман барзадан дар парвариши он покизадомон» дар бобати пояи ҳусн, қади расо, пешонии бадрмонанд, бинии рост, чашмони маст ва панҷаи пурзӯри Саломон сухан меронад [1,195-196].

Сифатҳои дигари ӯ дар боби «Дар сифати ҳиддати фаҳм ва ҷавдати насру назми вай» инъикос ёфтаанд.

Лутфи табъаш дар сухан мӯ мешикофт,
Лафз нашнида ба маънӣ мешитофт.
Чун Сурайё пояи назмаш баланд,
Чун Банотуннаъш насраш арҷманд.
Дар латоиф лаъли ӯ ҳозирҷавоб,
Дар дақоиқ, фаҳми ӯ софӣ чу об.
Хатти ӯ чун хатти хубон дилфиреб,
Хушнависон з-ӯ чу ошиқ ношикеб.
Чун гирифтӣ хомаи мушкинрақам,
Офарин кардӣ бар ӯ лавҳу қалам [2, 196-197].

Дар боби дигар – «Қиём намудани Абсол ба доягии Саломон ва доман бар задан дар парвариши он покизадомон» шоир ба авҷи аъло расидани ҳусни Саломонро, дар синни чордаҳсолагӣ, чунин тасвир месозад:

Чордаҳ будаш ба хубӣ моҳи рӯ,
Соли ӯ ҳам чордаҳ чун моҳи ӯ.
Пояи ҳуснаш басе боло гирифт,
Дар ҳама дилҳо ҳавояш ҷо гирифт.
Шуд яке сад ҳусни ӯ в-он садҳазор,
Сад ҳазорон дил зи ишқаш беқарор [2, 194-195].

Саломон дар базму айш дилшод ва дилгарм, дар бозии гӯю нарду чавгон ҷаққону моҳир, дар камондориву тирандозӣ ва сайду шикор бемислу монанд ва дар хайру саховат олиҳиммат ва дарёдил буд. Масалан, шоир дар гӯю чавгонбозӣ чобуку чаққон будани Саломонро дар боби «Сифати чавгон бохтани вай бо ҳамсарон ва гӯй бурдани вай аз дигарон» ин тавр ба қалам медиҳад:

Савлаҷон бар каф ба майдон тохтӣ,
Гӯйи зарин дар миён андохтӣ.

[1] **Адрес для корреспонденции:** Махкамов Сайфулло Бердиевич – доцент кафедры гуманитарных наук РИПКПРСО. 734019. Республика Таджикистан, ул. Н. Махсум 111/1, кв.13. Тел.: 918526973.

Як ба як чавгонзанон ҷӯёни ҳол,
Гирди як маҳ ҳалқа карда сад ҳилол.
Гарчи будӣ захми чавгон аз ҳама,
Буд чобуктар Саломон аз ҳама [2, 199].

«Дар сифати камондорӣ ва тирандозии вай» ном боби дигари достон, мардум ба камондорӣ ва тирандозии Саломон қоил шуда, ба ӯ аҳсант мехонанд:

Шаҳ чу гаштӣ гирди чавгон бохтан,
Чун камон моил ба тир андохтан,
Аз камондорони хос андар замон,
Хостӣ нокарда зеҳ чочикамон,
Бемадад онро ба зеҳ оростӣ,
Бонги «зиҳ!» аз гӯшаҳо бархостӣ [2, 199].

Саломон дар боби «Дар сифати ҷуду сахо ва базлу атои вай» дар эҳсону бахшиш ва хайру сахо ҳамчун шахси дарёкаф инъикос мегардад:

Буд дар ҷуду сахо дарёкафе,
Бал, к-аш аз баҳри ато дарё кафе.
Пур шудӣ аз файзи он абри карам
Арсаи гетӣ зи динору дирам [2, 200-201].

Ӯ ба калонсолӣ ва аз табақаи поён будани Абсол нигоҳ накарда, ба вай дил бохт. Дар роҳи дӯстдорӣ касе монеаи ӯ нашуд. На насиҳати падар, на панди ҳаким ва на таънаи дарбориён пеши роҳи ишқи ба Абсол доштаи ӯро нагирифтанд, зеро вай дар ин роҳ босуботу бовафо ва пойдору устувор буд.

Саломон аз рӯйи одоб ба панду насиҳати падар, аз қабили:

Шоҳ бо вай гуфт, к-эй ҷони падар,
Шамъи базмафрӯзи айвони падар,
Дидаи иқболи ман равшан ба туст,
Арсаи омоли ман гулшан ба туст.
Солҳо чун ғунча дил хун кардам,
То гуле чун ту ба даст овардаам.
Ҳамчу гул аз дасти ман доман макаш,
Ханҷари хори ҷафо бар ман макаш [2, 213].

гӯш меандозад, вале узру маъзарати хешро дар бобати ба вай итоат накардани дили ранҷур баён месозад:

Борҳо бо хеш андешидаам,
Дар халосӣ з-ин бало печидаам.
Лек чун ёдам аз он моҳ омадаст,
Ҷони ман дар нолаву оҳ омадаст.
Дарфитода чашми ман бар рӯйи ӯ,
Кардаам рӯй аз ду олам сӯйи ӯ.
В-аз тамошои рухи он дилписанд,
На насиҳат монда бар ёдам на панд [2, 215].

Матонату ҷасорати Саломон баъди панду насиҳати ҳаким низ дар боби «Ҷавоб гуфтани Саломон ҳакимро» ба мушоҳида мерасад. Саломон ҳарчанд панду насиҳати ҳакимро қабул мекунад, вале дар охир иқрор мешавад, ки «қудрати фоил ба қадри қобил аст». Яъне ихтиёри дӯстдории ӯ берун аз хоҳиши ӯст. Ба он чизе монеа шуда наметавонад:

Ҳар чӣ гуфтӣ, айни ҳикмат ёфтам,
Дар қабули он ба ҷон биштофтам.
Лек бар ройи мунират равшан аст,
К-ихтиёри кор берун аз ман аст [2, 218].

Симои Саломон аз аввал то охири достон, алоқамандона ба номаш, ҳамчун фарди покдоман намудор мегардад:

Зодае пас покдоман омадаст,
Номи ӯ з-он рӯ Саломон омадаст [1,244].

Умуман, Саломон дар роҳи ишқ устувор ва барои расидан ба мақсад хеле фаъол мебошад. Ӯ, аз рӯйи урфу одат ва одоби ҳамида, дар роҳи ишқу муҳаббат аз даст додани сабру қаноат ва инони ихтиёри худро ба падар ва ҳакими доно нақл карда, ба саволҳои эшон боэҳтиромона посух медиҳад. Ба ин минвол, вай ишқи поки хешро ҳимоя мекунад.

Яке аз нуқсони Саломон дар он аст, ки ӯ ба илми сеҳру ҷоду эътиқод дорад. Аз ин рӯ, вай аз ҷазира оҷизона ба дарбор бармегардад, ҳарчанд ки панду насиҳат ва сарзанишҳои падар ва ҳакимро дар хусуси рӯй тофтан аз ишқи Абсол рад менамояд.

Дар аввалҳои достон симои Саломон ҳамчун ҷавони серғайрат ва фаъол намудор гардад ҳам, тадриҷан он суст шудан мегирад. Сабаб дар он аст, ки ӯ дар мубориза бо номусоидиҳо худро танҳо ва оҷиз ҳис мекунад. Маҳз аз ин рӯ, вай дар оташи сӯзон якҷоя бо Абсол сӯхтанро афзалтар медонад:

Рӯй бо Абсол дар саҳро ниҳод,
Дар фазои ҷонфишонӣ по ниҳод.
Пушта-пушта ҳезум аз ҳар ҷо бурид,
Ҷумларо як ҷо фароҳам оварид.
Ҷамъ шуд з-он пуштаҳо кӯҳи баланд,
Оташе дар пуштаи кӯҳ уфканд.
Ҳар ду аз дидори оташ хуш шуданд,
Дасти ҳам бигрифта дар оташ шуданд [1,232].

Ин ҳолат, аз як тараф, ҷасорату матонат, аз тарафи дигар, заъфи мизоҷи Саломонро нишон медиҳад. Яъне, аз як сӯ, ӯ бар зидди тамоми монеаҳо мубориза бурда натавонад ва ин ҳолат аз сустии иродаи ишқии ӯ дарак диҳад, аз дигар сӯ, вай аз дасти ҳаёти тангу номусоиди шароити феодалӣ, ки ба озодии шахс имконият фароҳам намеорад, эътироз баён месозад.

«Дар оташ сӯхтани Абсол, вале саломат мондани Саломон ӯро аз роҳи ишқу вафо нагардонд, баръакс, иродаи ишқии вай оҳу фиғони ӯро дар ҷудоӣ аз Абсол зиёд кард. Саломон танҳо ҳамон вақт камубеш таскин ёфт, ки диққаташро аз Абсол ба сурати Зуҳраи осмонӣ ҷалб кард. Дар натиҷаи аз романтикаи ишқӣ ба тасвири ҳиссиёти ҳаётии инсонӣ муроҷиат кардани шоир, Саломон аз рӯйи одати ҳаётӣ, тадриҷан ёри худро фаромӯш кардааст» [4, 350].

Дар ин ҷо сустиродагии Саломон ба мушоҳида мерасад, ки ба шароити дарбор мувофиқ гардида, баъди аз падар қабул намудани мансаб, аз панду андарз ва насиҳатҳои ӯ берун намебарояд.

Дар достон симои Абсол ҳамчун дояи меҳрубон ба назар мерасад. Вақте ки Саломонро ба Абсол вобаста менамоянд, ӯ камтар аз 20-сола буд:

Дилбаре дар некӯи моҳи тамом,
Соли ӯ аз бист кам Абсол ном [2,190].

Шоир дар боби «Тадбир кардани ҳаким дар валодати фарзанд бе мувофиқати занон ва доя гирифтан барои тарбияти вай» симои Абсолро чунин тасвир месозад:

Нозукандоме, ки аз сар то ба пой
Ҷузв ҷузваш хуб буду дилрабой.
Буд бар сар фарқи ӯ хатте зи сим,
Хирмане аз мушкро карда дуним.
Гесӯяш буд аз қафо овехта,
З-ӯ ба ҳар мӯ сад бало овехта.
Қоматаш сарве зи боғи эътидол,
Афсари шоҳон ба роҳаш поймол.
Буд равшан ҷабҳааш ойинаранг,
Абрӯи зангорияш бар вай чу занг…
Чашми ӯ масте, ки карда нимхоб,
Такя бар гул зери чатри мушкноб…
Дар даҳони ӯ раҳи андеша гум,
Гуфтугӯи ақли фикратпеша гум.

Аз лаби ӯ ҷуз шакар нагрифта ком,
Худ кадом аст он лабу шаккар кадом? [2, 191].

Абсол духтарест, ки аз доираи васеи халқи заҳматкаш буда, дар муҳити тангу тори дарбори феодалӣ ба талабҳои аристрокатӣ ва нормаҳои ахлоқ риоя накарда, роҳи ноҳамвор ва пурпечутоби ишқи озодро пеш гирифтааст. Ӯ дар ҳусну ҷамол беҳамто буда, дили ҳар бинандаро ба худ ҷалб месохт:

Ҳар ки дидӣ он миёни кам зи мӯ,
Ҷуз каноре з-ӯ накардӣ орзу [2, 191].

Вай дояи азиз ва мураббияи меҳрубон буд. Хизмати шабонаву рӯзона, яъне доимӣ, меҳру муҳаббат ва ҳиссиёти ӯро нисбат ба Саломон бедор кард. Ҷомӣ баробари дидани Саломон ба ӯ меҳр бастани Абсол ва аз тамошои рухаш сер нашудани ӯро чунин ба қалам медиҳад:

Чашми ӯ чун бар Саломон уфтод,
З-он назар чокаш ба домон уфтод.
Дар тамошои рухи он дилфурӯз,
Рафт аз ӯ хоби шабу ороми рӯз.
Рӯз то шаб ҷидди ӯву ҷаҳди ӯ,
Буд дар басту кушоди маҳди ӯ.
Гаҳ танашро шустӣ аз мушку гулоб,
Гаҳ гирифтӣ пайкараш дар маҳди ноб.
Меҳри он маҳ баски дар ҷонаш нишаст,
Чашми меҳр аз ҳар ки ғайр аз ӯ бубаст [2, 194].

Абсоли доя барои ҳарчи ба воя расидани Саломон заҳмат мекашад: ҳамчун бонуи ҳалиму мушфиқ ва ғамхор вақти хуфтан ба болои сари тифл шамъ мегузорад, бомдод ӯро ҳамчун лӯъбат мeорояд, ба чашмонаш сурма мекашад, ҷома мепӯшонад, ба сараш кулоҳи зарринро кaҷ гузошта, дар бараш зулфи сиёҳ меовезад, дар миёни нозукаш камарбанд мебандад ва ҳоказо. Ин ҳолат то синни чаҳордаҳсолагии Саломон идома меёбад.

Аз ин рӯ, меҳру муҳаббати доягӣ пайваста ба меҳру муҳаббати ошиқӣ бадал ёфт.

Амалиётҳои Абсол нишон медиҳанд, ки дар бедор кардани ҳиссиёт ва муносибатҳои ишқӣ ӯ нақши муҳим бозидааст. Зеро вай бе ҳеҷ андешаву мулоҳиза ва дудилагӣ ишқи Саломонро пазируфта, дар ин роҳ устувор ва пойдор будани хешро нишон додааст.

Чусту чолокӣ ва далерии Абсол дар боби «Рафтани Абсол дар пеши Саломон ва таматтӯи эшон аз суҳбати якдигар» баръало мушоҳида мегардад. Ӯ барои расидан ба коми дил вақти мувофиқ меҷӯяд ва ин лаҳзаи ҳассосро дармеёбад:

Фурсате меҷуст то бегоҳу гоҳ,
Ёбад андар хилвати он моҳ роҳ.
Коми дил аз лаъли ӯ ҳосил кунад,
Ҷони ширин бо лабаш восил кунад.
То шабе сӯяш ба хилват роҳ ёфт,
Нақди ҷон бар даст пеши ӯ шитофт.
Ҳамчу соя зери пойи ӯ фитод,
В-аз тавозӯъ рӯ ба пойи ӯ ниҳод [2, 209].

Шоир лаҳзаи ба мурод расидани ошиқонро дар боби номбурда хеле ҷаззоб инъикос менамояд:

Ҳардуро аз бӯса шуд оғоз кор,
З-он ки бӯс омад қаловузи канор.
Баски месуданд бо ҳам лаб ба лаб,
Шуд лаболаб ҳардуро ҷоми тараб.
Гарчи лабҳояшон ба ҳам бисёр суд,
Монд боқӣ ончи асли кор буд.
Баҳри савдое, ки дар сар доштанд,
Пардаи шарм аз миён бардоштанд [2, 209].

Яке аз нуқсони маънавии Абсол, аз рӯйи баъзе андешаҳо, гӯё дар он аст, ки ӯ ба дастпарвардаи хеш – Саломон, ки аз вай хеле хурд буд, дил бохтааст. Вале тавре ки маълум аст, ишқу муҳаббати пок ба синну сол дахл надорад. Ба ҳар ҳол, Абсол хуб медонист, ки ишқи Саломон девонавор нест ва шояд ҳамин калонсолӣ боиси он гардад, ки бо Саломон дер зиндагӣ накунад. Дар навбати худ, Саломон низ аз натиҷаи чунин ишқбозӣ ва маҳрумшавии ҷоҳу ҷалоли подшоҳӣ андеша мекард, аммо таъсири амалиётҳои фаъолонаи Абсол пеши роҳи ӯро аз дудилагӣ мегардонд ва торафт ба корнамоиҳои нав ба нав ҳидоят месохт.

Сабабҳои ба Саломон дил бохтани Абсол гуногун мебошанд. Чунончи:

- Саломон, пеш аз ҳама, дастпарвари ӯст ва аз ин ҷиҳат, тамоми одобу рафтор ва характеру хислати ӯро ба хубӣ медонист;
- Саломон ҷавони зебост, ки баробари дидани ӯ на танҳо дили вай, балки дили ҳар бинанда реш-реш мегардид;
- Саломон дар гӯю нарду чавгон ва камонвариву тирандозӣ ҳамто надошт;
- Саломон дар хайру сахо ва лутфу эҳсон ҷавони дарёкаф ва дарёдил буд;
- Саломон ҷавони нотарс, ҷасур, далер ва шуҷоатманд буда, дар майдони ҳарбу зарб ҳамеша ғолиб меомад;
- Саломон писари шоҳ буд ва байни мардум обрӯю манзалати хоса дошт ва ҳоказо.

Яке аз амалиёти муҳимми Абсол дар он аст, ки ӯ хилофи ақидаи феодалии «ишқу муҳаббат ба синфият ва табақаҳои иҷтимоӣ дахл дорад», рафтор намуд. Аз рӯйи ин ақида, Саломон, ки аз табақаи болоии ҷамъият буд, мебоист, ба духтари ягон соҳибмансаби дарбор, аз қабили вазиру ҳаким ва ё шахси дорову давлатманд дил мебохт, на ин ки ба Абсол барин духтари табақаи поён.

Аз ин рӯ, дар аксари бобҳо Абсол ҳамчун бону ва қаҳрамони марказӣ худро фаъол, нотарс ва ғаюр нишон медиҳад. Ҳатто ба саъю кӯшишҳои васлҷӯйии Саломон нигоҳ накарда, худаш ташаббус нишон медиҳад, барои ташкили мулоқот саҳм мегузорад ва монанди инҳо.

Дигар шуҷоатмандиву далерии Абсол дар он аст, ки даъвати Саломонро дар бобати гурехтан аз дарбор қабул намуд [2, 220]. Корнамоии минбаъдаи ӯ он аст, ки бо Саломон, дар баҳри пурталотум, аз ҳайбати моҳиҳои дарандаву наҳангҳо наҳаросида, бо заврақ бемамоният ба канори бешае расид [2, 223].

Лаҳзаи зиндагии хушҳолонаи Саломон ва Абсолро дар ҷазираи беодам шоир ба таври зайл ба риштаи тасвир мекашад:

Суҳбате з-овезиши ағёр дур,
Роҳате з-омезиши тимор дур.
Не маломатпеша бо эшон ба ҷанг,
Не нифоқандеша бо эшон дуранг.
Гул дар оғӯшу хароши хор не,
Ганҷ дар паҳлӯву ранҷи мор не.
Ҳар замон дар марғзоре карда хоб,
Ҳар нафас аз чашмасоре хӯрда об.
Гоҳ бо булбул ба гуфтор омада,
Гоҳ бо тӯтӣ шакархор омада,
Гоҳ бо товус дар ҷавлонгарӣ,
Гоҳ дар рафтор бо кабки дарӣ.
Қисса кӯтаҳ дил пур аз айшу тараб,
Ҳарду мебурданд рӯзи худ ба шаб [2, 224].

Сабаби ҷазираи беодамро ихтиёр намудани ошиқон аз норозигии эшон аз қонуну қоидаҳои замона аст, ки монеаи асосии ишқи озод гардида, барои ба ҳам расидани ошиқон халали ҷиддӣ мерасонд.

Ҳамин тавр, аз амалиётҳои Абсол маълум мегардад, ки ӯ тобеи иродаи ишқ ва ошиқ аст.

Аз ин рӯ, бо Саломон нотарсона ба оташи сӯзон даромад. Ҳарчанд дар ин оташ сӯхт, вале заррае наҳаросид.

Ҷомӣ бо тасвири манзараи сӯхтани Абсол зарбулмасали халқии зайлро истифода менамояд:

Чун ҳаёти мурданӣ дарх(в)ар бувад,
Мурдагӣ аз зиндагӣ хуштар бувад [2, 232].

Дар боби «Мунқод шудани Саломон ҳакимро аз тадбири кори вай» сухан дар бораи Зуҳра ном сайёра меравад. Зуҳра – ситораи Ноҳид буда, «онро мутрибаи фалак меномиданд ва олиҳаи зебоӣ, суруду рақс ва хушию хурсандӣ мешумурданд [3, 464].

Лаҳзаи ба ёд овардани симои Зуҳра, дар боби номбурда, ба таври зайл аст:

– Ҳакими донишманд хост, ки бо роҳи сеҳру ҷоду ишқи Абсолро аз дили Саломон дур кунад. Саломон, аз як тараф, мафтуни панду ҳикматҳои шавқангези ӯ шуда бошад ҳам, аз тарафи дигар, баъзан Абсолро ба ёд оварда фарёд мекашид. Ҳаким ҳамоно илоҷи ҳалли ин муамморо ёфт. Ӯ сурати Абсолро кашида, як-ду соат пеши чашми Саломон гузошта, дили вайро таскин медод. Вақте ки дили Саломон ором мегирифт, дарҳол суханро ба ҷониби Зуҳра бурда, ба ӯ шайдо шудани ҳама, минҷумла Офтобу Моҳро ситоиш мекард:

Зуҳра гуфтӣ шамъи ҷамъи анҷум аст,
Пеши ӯ ҳусни ҳама хубон гум аст.
Гар ҷамолаш хешро пайдо кунад,
Офтобу Моҳро шайдо кунад [2, 238].

Саломон ба суханҳои сеҳрангези ҳаким гӯш андохта, оқибат мафтуни Зуҳра гардид:

Чун Саломон гӯш кардӣ ин сухан,
Ёфтӣ майле ба вай аз хештан.
Ин сухан чун борҳо такрор ёфт,
Дар дарун он майлро бисёр ёфт.
Чун зи вай дарёфт ин маънӣ ҳаким,
Кард андар Зуҳра таъсири азим [2, 239].

«Саломонро бо ҷамоли Зуҳраи осмон тасалло додани ҳаким барои ором кардани Саломон ё ки рӯҳи нотиқа буд, ки дар айни замон маънои ба камол расидани рӯҳро ифода менамояд» [4, 352]. :

Чист он Зуҳра камолоти баланд,
К-аз висоли ӯ шавад ҷон арҷманд.
З-он ҷамоли ақл нуронӣ шавад,
Подшоҳи мулки инсонӣ шавад [1,246].

Ҳамин тавр ҳам шуд. Ҳаким ба ин восита рӯҳро аз ҷисм ҷудо намуда, бо ҷанбаи илоҳӣ пайваст:

Нақши Абсол аз замири ӯ бишуст,
Меҳри рӯйи Зуҳра бар вай шуд дуруст.
Ҳусни боқӣ диду аз фонӣ бурид,
Айши боқиро зи фонӣ баргузид [2, 239].

Бояд қайд кард, ки дар сарчашма ва маъхазҳои қадима, аз ҷумла «Ан-наводир»-и Ибн ал-Арабӣ Саломон ба маънии некию хайр ва Абсол баръакс, ба маънии бадӣ – шар машҳур мебошанд.

Агар дар қиссаҳои юнонӣ, «Ан-наводир»-и Ибн ал-Арабӣ ва достони ҳамноми Ҷомӣ Саломон номи писар ва Абсол номи духтар бошад, дар рисолаи Ибни Сино номи ду бародар ва дар асари Ибни Туфайл (1120-5) номи ду ҷавони ба ҳам дӯст қаламдод шудаанд.

Дар нусхаи аз юнонӣ ба арабӣ тарҷуманамудаи Ҳунайн ибни Исҳоқ Саломон писари подшоҳи Юнон – Ҳирмонус ва дар асари Ибни Сино танҳо номи бародари калонӣ мебошад. Дар достони ҳамноми Ҷомӣ Саломон писари шоҳи Рум бошад ҳам, аммо номи шоҳ зикр наёфтааст.

Дар нусхаи Ҳунайн ибни Исҳоқ номи ҳакиме, ки Саломонро аз нутфаи падар ба миён меорад, дақиқ аст – Қалиқулос. Аммо номи ҳаким дар достони Ҷомӣ маълум нест.

Дар асари Ибни Сино амалиёти ҳаким умуман ба мушоҳида намерасад. Адиб Саломонро ҳамчун қуввати ақли инсон ва Ибсолро чун кайфияти саодати ҳақиқӣ маънидод менамояд.

Дар нусхаи Ҳунайн ибни Исҳоқ амалиёт ва ба сифати доя амал намудани Абсол дар синни ҳаждаҳсолагӣ ва дар достони Ҷомӣ дар синни бистсолагӣ шуруъ мегарданд.

Ҳам дар нусхаи Ҳунайн ибни Исҳоқ ва ҳам дар достони ҳамноми Ҷомӣ Саломон ва Абсол дар ҳусну малоҳат зебову барно буда, ҳарду дар роҳи ишқ пойдор ва устувор мебошанд. Дар ҳарду асари адибони боло падари Саломон ва ҳакими дарбор аз ишқу ошиқии Саломон ва Абсол хабар ёфта, барои аз ҳам ҷудо намудани онҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Вале Саломони достони Ҷомӣ аз панду ҳикматҳои падар ва ҳаким саркашӣ намуда, аз ишқи Абсол рӯ наметобад.

Дар асари «Ан-наводир»-и Ибн ал-Арабӣ Саломон тавассути илму дониш аз асорат раҳоӣ ёбад, дар достони Ҷомӣ ӯ бо қувваи сеҳру ҷоду дар оташ намесӯзад.

Дар асарҳои ҳамноми Ҳунайн ибни Исҳоқ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ дили Саломон дар охир аз таъсири панду ҳикматҳои падар ва ҳаким рӯҳан таскин мeёбад. Ахиран, ӯ ба тахти подшоҳӣ нишаста, солҳо хукмронӣ мекунад ва ҳоказо.

Дар симои Абсол низ дар ҳарду асари боло фарқиятҳои зиёд дида мешаванд. Зеро дар рафти воқеаҳо ҳаракат ва амалиёти онҳо гуногун буда, агар дар асари Ибн ал-Арабӣ Абсол маҳз аз рӯйи нодониву бефаҳмӣ бимирад, дар нусхаи Ҳунайн ибни Исҳоқ ӯ аз дарду алами ишқи Саломон аз олам чашм мепӯшад. Дар достони Ҷомӣ бошад, вай нотарсона ба оташ медарояд ва бе ҳеҷ тарсу ваҳм ҷон медиҳад.

Хулоса, Ҷомӣ дар мисоли ишқу ошиқии Саломон ва Абсол чанд масъалаи ҷамъиятиро ҳал менамояд. Чунончи, ишқу ошиқӣ, аз як тараф, ба синну сол дахл надошта бошад, аз дигар тараф, синф ва ё табақаҳои иҷтимоиро ба инобат намегирад.

Шоир дар роҳи ҳал намудани мавзӯи ишқу муҳаббат вайронии ахлоқи дарбориён, нодурустии таълиму тарбия дар доираҳои аристократӣ ва поймолкунии ҳуқуқи ҷамъиятии занонро моҳирона инъикос месозад.

**Адабиёт**


1. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осори мунтахаб: – Ҷ.5 (Лайлӣ ва Маҷнун:

Достон) / Ба чоп тайёркунандагон А. Афсаҳзод, А. Зуҳуриддинов / А. Ҷомӣ. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 359 с.

2. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Маҷмӯаи материалҳои ҷашнии 550-солагӣ / А. Ҷомӣ. – Душанбе: Дониш, 1973. – 236 с.

3. Фарҳанги забони тоҷикӣ / Иборат аз ду ҷилд. – Ҷ. 1. / Дар зери таҳрири М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 952 с.

4. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик (асрҳои XIII-XV): Кит. 2 / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1977. – 400 с.



**МАХКАМОВ С.Б.**


## РОЛЬ ГЛАВНЫХ ГЕРОЕВ В ПОЭМЕ АБДУРРАХМАНА ДЖАМИ «САЛОМОН И АБСОЛ»


В поэме «Саломон и Абсол» Абдуррахмана Джами основные образы – Саломон и Абсол играют важнейшую роль.

В статье подвергнуты анализу образы главных героев данной поэмы.



**Ключевые слова**: поэма, Саломон, Абсол, роль, образ, любовь, влюблённый, герой, царь, мудрец, няня, огонь.



**MAKHKAMOV S.B.**


## ROLE OF THE MAIN HEROES IN THE LEGEND OF ABDURAHMON JAMI "SOLOMON AND ABSOL"


In the legend "Solomon and Absol" written by Abdurahmon Jami the role of Solomon and Absol is considered to be the most important point.

The following article deals with looking through the analysis of the main heroes of the legend.



**Key words:** legend, Solomon, Absol, role, character, love, sweet heart, hero, king, wise, nurse, fire.